**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ЧТ «Амонатбонк»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Дар шароити афзоиши номуайянии иқтисоди ҷаҳонӣ масъалаи такмили механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ ба соҳибкории хурду миёна (СХМ) аҳамияти хоса касб намуда, зарурати гузаронидани таҳқиқоти амиқи илмиро дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар тақозо менамоянд. Маҳз, таҷрибаи рушди бахшҳои иқтисодӣ ва маҳдудиятҳои дастрасӣ ба маблағгузорӣ собит намуд, ки механизми анъанавии пешниҳоди қарз на ҳамеша қодир ба пешгирии хавфҳои бонкӣ ва қонеъ гардонидани ниёзҳои соҳибкорон мебошад. Низоми бонкӣ ҳамчун унсури калидии иқтисод ба таъмии соҳибкорон бо захираҳои молиявӣ сахт вобаста мебошад. Ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳо имкони татбиқи воситаҳои нави маблағгузориро фароҳам меоранд. Дар ин замина, такмили механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ ҳамчун воситаи муҳими таъмини устувории соҳибкорӣ баромад менамояд. Он ба муайянсозӣ, пешгирӣ ва коҳиш додани монеаҳои институтсионалии дастрасӣ ба қарз равона шудааст. Бо вуҷуди ин, бисёр субъектҳои соҳибкорӣ бо маҳдудиятҳо ва расмиёти мураккаб дар татбиқи он рӯ ба рӯ мешаванд.

Дар робита ба ин, дар автореферат таваҷҷуҳи асосии муаллиф ба таҳлили фаъолияти КВД БА ЧТ «Амонатбонк» ҷиҳати такмили механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ ба соҳибкории хурду миёна равона гардида, аҳамияти назаррас касб менамояд. Норасоии заминаи илмӣ метавонад самаранокии маблағгузории соҳаро маҳдуд созад. Ҳамоҳангсозии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ бо раванди саноатикунонии босуръат ва рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун омили калидии таъмини рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ баромад мекунад. Истифодаи нишондиҳандаҳои дақиқ ва методикаи нави таснифоти субъектҳо барои арзёбии қарзпазирӣ зарур шуморида мешавад. Такмили механизмҳои қарздиҳӣ ба паст кардани таъсири омилҳои хавф мусоидат мекунад. Ин раванд сатҳи эътимоди соҳибкоронро ба низоми бонкӣ боло мебарад. Омӯзиш ва мутобиқсозии таҷрибаи байналмилалӣ ба шароити миллӣ аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Аз ин рӯ,

таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии пешниҳоди қарзи бонкӣ ба СХМ масъалаи мубрами илми иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Аҳамияти навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар коркарди равиши маҷмуӣ ба такмили механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк») зоҳир мегардад. Муаллиф бо такя ба таҳлили равандҳои муосири рушди низоми молиявӣ маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои навро пешниҳод менамояд, ки ба такмили механизми қарздиҳӣ ва рушди соҳибкорӣ равона шудаанд. Дар ҷараёни таҳқиқот методикаи нави таснифоти субъектҳои соҳибкорӣ барои ҳадафҳои қарздиҳӣ такмил дода шуда, вобастагии онҳо аз коэффитсиентҳои соҳавию минтақавӣ ошкор карда мешавад (саҳ. 7). Илова бар ин, зарурати мутобиқсозии механизми қарздиҳӣ ба хусусиятҳои институционалӣ ва раванди саноатикунонии босуръати кишвар асоснок гардида, роҳҳои баланд бардоштани ҳамоҳангии он бо рақамикунонии хизматрасониҳо ва Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ пешниҳод шудаанд (саҳ. 7-8).

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмудов С.М. аҳамияти калони илмӣ доранд, зеро онҳо метавонанд аз ҷониби мақомоти марбута, ба монанди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ ва институтҳои рушд, ҷиҳати амалӣ гардонидани сиёсати бонкӣ, саноатӣ ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти гузаронидашудаи диссертант метавонанд мавзуи муҳимми тадқиқ ва мубоҳиса байни олимон ва муҳаққиқон бошанд, ки ба таҳкими минбаъдаи бахши соҳибкории кишвар, рушди назарияҳои қарзи бонкӣ, фарогирии молиявии СХМ ва иқтисодиёти рақамӣ алоқамандӣ доранд. Тадқиқоти гузаронидашуда дар асосноккунии самтҳои афзалиятнок, ба таври муфассал муайян кардани вазифаҳо ва чораҳои мувофиқ барои мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ саҳми муфиди илмӣ ва амалии худро мерасонад.

Ҳамин тавр, сарфи назар аз арзиши баланди илмӣ ва амалии таҳқиқотҳо, дар кор баъзе нуқтаҳо вуҷуд доранд, ки тафсилоти иловагӣ ва шарҳҳоро талаб мекунанд:

1. Дар ҷадвали 3, саҳифаи 14-и автореферати диссертатсия нишондиҳандаҳои қарздиҳии бонкӣ ба КХМ дар соли 2022 таҳлил гардидаанд ва ба инобат гирифтани таҷрибаи Ӯзбекистон ва Қирғизистон, ҳамчун кишварҳои дорои шароити иқтисодии шабеҳ, таҳлили муқоисавиро мукаммалтар мегардонид.

2. Дар диаграммаи 4, саҳифаи 24-и автореферати диссертатсия динамикаи қарзҳои умумӣ ва ҳиссаи қарзҳои ба СХМ додашуда таҳлил гардида, шарҳи муфассали омилҳои дохилии бонк ва сабабҳои афзоиши қарздиҳӣ ба шахсони воқеӣ оварда нашудааст.

Ин эродҳо хосияти ҷузъӣ доранд ва арзиши умумии мусбати таҳқиқотро кам намекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк»)» мундариҷаи таҳқиқотҳоро пурра инъикос намуда, бо дараҷаи баланди мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ фарқ мекунад. Натиҷаҳои бадастомада барои такмили вазъи молиявии субъектҳои соҳибкорӣ ва мутобиқсозии он ба меъёрҳои мақбули сатҳи ҷаҳонӣ аҳамияти калон доранд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсия ба талаботи дахлдори «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллиф Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ** **Ашуров И.С.**

**Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ашуров И.С.- ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ** **Насурдинзода А.Н.**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, кӯчаи Саид Носир, 33.
**Тел.:** (+ 992 37) 224 17 86, (+ 992) 985 56 65 66.
**E-mail:** info@apa.tj